«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Данғара"
_________ н.и.т., д.и.п. Шоҳиён Н.Н.
«_24_» _______04_______ с. 2022

# ХУЛОСАИ

**Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" ба диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевичро дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик», ки барои дарёфти унвони илмӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсия дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ иҷро шудааст.

Муҳокима ва экспертизаи давраи якуми диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» аз 09 ноябри соли 2021 №3 гузаронида шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сарҳати 9-и "Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503)" иртибот дошта, масъалаи гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва таҳқиқи он дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат ва 7 мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Шумораи мақолаҳои чопшудаи диссертант ҳамаи он дар маҷаллаҳои

таъйиднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

1. Ҳусейнзода Ф., Давлатов, У.М. Ёддошти воқеӣ аз корнамоии як афсари зиндаёди тоҷик / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №3. – С. 243-250.

2. Ҳусейнзода Ф., Давлатов, У.М. Инъикоси ваҳдат ва ободгарӣ дар адабиёти атфоли тоҷик / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №2. – 205-209.

3. Давлатов, У.М. Таҳқиқи ёдкардаҳои Убайд Раҷаб дар бораи устод Мирзо Турсунзода дар китоби Зинда ба ишқ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. –2019– №3. – С. 281-287.

4. Давлатов, У.М. Садокати баён ва вижагиҳои муҳимми ёддоштнависӣ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. –2020. – №3. – С. 207-212.

5. Давлатов, У.М. Маком ва ҷойгоҳи адибон дар ёддштҳои Убайд Раҷаб / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав  Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иктисодӣ – 2021– №1/492 – С. 36-38.

6. Давлатов, У.М.  Симои воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб. Конференсияи илмӣ-назариявии ҷойгоҳи Мирзо Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ дар адабиёти навини тоҷик. Нури маърифат, Хуҷанд, 2021 С.80-84.

7. Давлатов, У.М.  Вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни  Убайд Раҷаб дар жанри ёддоштӣ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав  Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ –2022– №1/2 – С. 45-47.

**Мавчудияти санадхои тасдиккунандаи татбики натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти тадбиқ намудани онҳо.** Мухтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» мавриди муҳокимаву баррасӣ

карор гирифтааст. Диссертатсия дар маҷлиси васеи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» ва кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия, дар ҳаҷми 6 макола, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, мунташир шудааст.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳкикотро дар вакти навиштани макола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, дар мавриди баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи эҷодиёти Убайд Раҷаб метавон истифода кард.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои он метавонанд, дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи адабиёт, накди адабӣ, сабкшиносӣ, ҳамчунин, маколаҳову рисолаҳои илмӣ ба ҳайси манбаъ истифода бурд. Натоиҷи бадастомадаи кор метавонанд зимни навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ, ҳамчунин, ҳангоми таълими курсу семинарҳои тахассусӣ дар омода намудани маводи лексионӣ мавриди истифода карор гиранд, истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳкикоти диссертатсионӣ.** Бори нахуст дар диссертатсия хусусиятҳои асосии ғоявию мавзуӣ, масоили аввалдараҷаи сабкӣ, забонӣ ва бадеии ёддоштҳои Убайд Раҷаб мавриди таҳкики илмӣ қарор гирифтаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки то ҳанӯз дар адабиёти муосири тоҷик жанри ёддошт ва паҳлуҳои гуногуни он аз ҷониби муҳаккиқони ватанӣ мавриди таҳқиқи алоҳидаи монографӣ карор дода нашудааст. Дар таҳкикот бори нахуст оид ба мавзуъҳои асосӣ ва марказии ёддоштнависӣ, вижагии корбурди анвои санъатҳои бадеӣ, сохтори зоҳирию ботинӣ, персонажҳои ёддлштҳои Убайд Раҷаб, хусусиятҳои услубиву сабкӣ, аз ҷумла вижагии корбурди вожагону иборахо, таркибу ибораҳои халқӣ, тарзи корбурди танокузи фикрӣ, калимабозӣ ва муҷазбаёниву мухтасаргӯйии андешаҳои тоза баён шудааст. Масоили мавриди таҳқик дар бобҳои рисола дар худ навгонӣ дошта, қаблан аз ҷониби муҳаккиқон мавриди таҳкики вокеӣ нагирдидааст.

Фароҳам сохтан ва накду баррасии маводи фаровони илмию таърихӣ вобаста ба ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва дар заминаи маводи ҷамъовардашуда бо далелҳои муътамади илмӣ ҳаллу фасл намудани масоили гуногуни марбут бар ёддоштҳои Убайд Раҷаб саҳми шахсии муаллифро дар таҳкики мавзуи интихобнамудааш собит месозанд.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.** Бобҳои диссертатсия мутобики максаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда,

баррасию дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад, Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» ба талабот ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-037 назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" аз 21.04.2022, № 9 қабул шудааст.

Дар ҷаласа ҳузур доштанд: **15 нафар.**

Натиҷаи овоздиҳӣ: "ҷонибдор" – 15 нафар; "муқобил" – нест; "бетараф" – нест.

**Раисикунанда:** раиси Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" номзади илмҳои филологӣ, дотсент Самардинов Қ.Н.

**Ташхисгарон:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав: Икромов И.

Номзади илмҳои филологӣ, директори Маркази илмӣ-таҳқиқотии "Мавлоношиносӣ"-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Раҷабалӣ Х.С.

**Котиби ҷаласа:** котиби Шурои олимони факултети Филология ва рӯзноманигорӣ Маҳмадалиев Ф.

***Имзои Самардинов Қ.Н.,*** Махмадалиев Ф.,-ро ***тасдиқ мекунам:***

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" Ҷабборӣ Н.Ҷ.